*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ғаюров Ғайрат Ҳакимович ба диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар асоси баррасӣ, таҳлил ва баҳодиҳии муҳтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» метавонем чунин хулосабарорӣ намоем, ки воқеан ихтисоси диссертатсия ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) (10. Бонкҳо ва ташкилоти қарзии дигар: бандҳои 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда - «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масоили такмили механизмҳо ва низоми таҳияи сратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ба таври васеъ инъикос ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди пажуҳиш, муаллиф ба ҷанбаҳои асосӣ ва муҳими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аҳамият дода ташкили низоми муассири таҳияи стратегияи рушдро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст. Маълум аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир ба ҳайси субъекти муҳими иқтисодиёти миллӣ баромад намуда, дар ҷараёни рушди устувори соҳаҳои мухталифи низоми хоҷагидорӣ мавқеи калидӣ доранд.

Махсусан дар шароити таҳрикёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои молиявӣ мавқеи бонкҳои тиҷоратӣ калидӣ арзёбӣ гардида, нигоҳдории фаъолияти самараноки ин ташкилотҳо аз масъалаҳои мубрам дониста мешавад.

Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун ниҳоди бунёдии бозори молиявӣ амал намуда, фаъолияти самараноки онҳо

метавонад, ки ба пешрафти амалиёти бонкӣ ва васеъгардии бозори хизматрасониҳои бонкӣ замина гузорад. Истифодаи иқтидори захиравии бонкҳои тиҷоратӣ сармоягузории соҳаҳои мухталифи низоми хоҷагидориро тақвият бахшида, идоракунии стратегии онҳо метавонад, ки рушди устуворро таъмин созад. Тақвиятёбии пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ аз идоракунии оқилонаи он вобастагӣ дошта, такмилёбии мавқеи бонкҳоро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ замина мегузорад.

Айни замон, бонкҳои тиҷоратӣ нақши муҳими худро дар амалиёти маблағгузорӣ, барномаҳои қарзӣ ва идоракунии саҳмияҳои давлатӣ иҷро намуда истодаанд. Таҳияи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ба беҳтар гардидани муносибатҳо бо муассисаҳои молиявии хориҷӣ ва ҷалби сармоягузорон кӯмак расонида, аҳамияти иқтисодии институтҳои мазкурро тақвият мебахшад.

Дар ин асос қайд намудан мумкин аст, ки такмили механизми таҳияи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тақвияти ҳамаҷонибаи институтҳои молиявӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта метавонанд дар оянда механизмҳои стратегии идоракунии бонкҳои тиҷоратиро тақвият бахшида, хизматрасониҳои молиявии ин ташкилотҳоро ба таври бештар ва такмилёфта таъмин намояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсияи Қобилова Ш.Т. дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» дар таҳияи асосҳои назариявию методологии такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ, мукаммалгардонии механизми ташкили стратегияи рушд ва дар ин замина пешниҳоди тавсияҳои илман асоснок арзёбӣ мегардад.

Дараҷаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок мегардад, ки дар диссертатсия ҷанбаҳои омӯзиши асосҳои назариявии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, паҳлуҳои мубрам ва ҷанбаҳои бунёдии ташкил ва таҳияи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси ақидаи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ пажӯҳиш гардида, механизмҳо ва низоми ташкили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ аз нигоҳи муаллиф тафсир гардидааст, усулҳои ташкили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор гирифта, ассоҳои методологии банақшагирии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосири иқтисодӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, ҳадафҳо, зарурият ва роҳу воситаҳои ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси омӯзиши омилҳои таъсирбахш ва ҷараёни банақшагирии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва таҳияи стратегияи рушд мушаххас карда шудааст. Дар заминаи таҳқиқотҳо унсурҳои асосии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ гуруҳбандӣ шуда, таъсири онҳо ба ҷараёни иҷроиши стратегияи рушд баҳогузорӣ гардидааст. Омӯзиши асосҳои назариявии ташкили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ имкон додааст, ки амалишавии самараноки он коркард гардида, самтҳои афзалиятноки он муайян гардидааст.

Омилҳои ба раванди татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ таъсирбахш ошкор карда шуда, гурӯҳбандӣ гардидаанд. Омилҳое, ки ҳамчун унсури таъсирбахш ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва татбиқи стратегияи рушд метавонанд халал расонанд, ба эндогенӣ ва экзогенӣ қисматбандӣ шудаанд, ки дар воқеъ айни замон юа иҷроиши фаъолияти бенуқсони ташкилотҳои қарзӣ омилҳои таъсиррасон бениҳоят зиёд мебошанд. Ҳамчунин дар ин қисмати навгонӣ низомҳои баҳодиҳии иҷроиши стратегияи рушд таҳқиқи амиқ гардида, самтҳои афзалиятноки ин раванд пажуҳиш гардида, ҷанбаҳои асосии он ба мисли: таҳлил вазъи бозор, менеҷменти босифат, таҳлили иттилоот, истифодаи технологияи навин ва дигар нишондиҳандаҳо ошкор карда шудааст.

Ҳолати муосири нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва алалхусус нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил карда шуда, имкониятҳои таҳкими пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ дар заминаи татбиқи пурсамари стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ мушаххасан нишон дода шудааст, баъдан зар асоси таҳқиқти анҷомёфта, ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, ки ниёз ба такмил доранд, муайян карда шудааст. Аз ҷумла тавсия гардидааст, ки таҳкими: -пояҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, -такмили қонунгузорӣ бо назардошти стандартҳои Кумитаи Базелӣ, -таҳияи талаботи возеҳи низоми идоракунии хавфҳо, -шаффофияти истифодаи захираҳои бонкӣ дар асоси стратегияи таҳиягардида, тавсеаи сифати назорат, -такмили низоми банақшагирӣ, -таҳлили доимии вазъи бозор ва дар ин замина таҳияи стратегия, ва ғайраҳо метавонанд рушди самараноки фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро таъмин сохта иҷроиши саривақтии стратегияи қабулгардидаро кафолат диҳанд.

Дар заминаи пажуҳишҳо, баррасӣ ва таҳлили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҷанбаҳои афалиятноки такмилдиҳии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ асоснок карда шудааст. Ҷанбаи муҳим ва афзалиятноки такмилдиҳандаи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ташкили стратегияи инноватсионӣ арзёбӣ карда шудааст. Стратегияи инноватсионӣ дар шароити таҳаввулоти иқтисоди рақамӣ барои ташкилотҳои қарзӣ, махсусан бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи таъминсозандаи рақобатнокӣ ва баландбардорандаи сифати хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ гардидааст. Илова ба ин, воситаҳо ва роҳу усулҳои такмилдиҳии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити тавсеаи иқтисоди рақамӣ тавсия гардидааст, ки метавонад баҳри рушди минбаъдаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва иҷроиши самараноки стратегияи рушди институтҳои мазкур заминаи муносибро фароҳам оварда, барои ташкили низоми тақвиятёфти бонкӣ кӯмак кунад.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳаммияти илмӣ-назариявии кори диссертатсиониро ақидаҳои назариявии олимони мактабҳои иқтисодӣ ва дигар муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба низоми бонкӣ, ташкил ва таҳияи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ташкил медиҳанд, ки он дар амал асоснок карда шудааст. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва

омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои такмили стратегияи рушд бонкҳои тиҷоратӣ, мавқеи бонкҳои тиҷоратӣ дар ҷараёни фаъолияти низоми хоҷагидорӣ ва тақвияти аҳаммияти бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ фарогир мебошад. Тадқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумотҳо барои гузаронидани пажуҳишҳои методологӣ- назариявии ташкил ва татбиқи стратегияи бонкҳои тиҷоратӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии таҳкими стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмӣ, маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфта, натиҷаҳои тадқиқотҳои амалии гузаронидашуда ва тавсияҳои амалӣ барои ташкили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ кӯмак мерасонад. Илова ба ин, натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

**6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ҷараёни таҳияи ва тақвияти стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратиро дар шароити таҳкимёбии иқтисоди рақамӣ баррасӣ намуда, роҳу воситаҳо ва механизмҳои баландбардонии самаранокии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратиро коркард ва самтҳои афзалиятноки онро вобаста ба шароити муосири иқтисодӣ тавсия кардааст.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Таҳлил ва баррасии диссертатсия исбот сохт, ки муаллиф дар доираи мавзуи таҳқиқшаванда маҷмуъан 21 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ аз ҷониби муаллиф ироа гардидаанд.

**8. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи аз ҷониби Қобилова Ш.Т. пешниҳодшуда ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900– Молия (6D050901– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**9. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Диссертатсияи тақризшаванда аз муққадима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, инчунин номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 189 саҳифаи чопӣ манзур карда шудааст.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд (саҳ.4-14).

**Боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявии рушди стратегии бонкҳои тиҷоратӣ дар иқтисодиёт"** номгузорӣ гардида, дар ин қисмат ҷанбаҳои назариявии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ, хусусиятҳо, шаклҳо ва давраҳои асосии банақшагирии стратегӣ, инчунин, таъсири омилҳо ба ҷараёни татбиқи сратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст. (саҳ.15-63).

Қисмати якуми диссертатсия ба ҷанбаҳои назариявии масъалаи таҳқиқшаванда бахшида шуда, бо истифодаи консепсияҳо ва назарияҳои марбут ба ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ фикри муаллиф пешниҳод шудааст. Дар ин ҷараён метавон, ки ба андешаи муаллиф розӣ шуд, зеро ӯ қайд менамояд, ки яке аз масъалаҳои мубрам дар ҷараёни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ин пеш аз ҳама ташкили стратегияи рушд маҳсуб мегардад. Зеро чи тавре, ки таҳлилҳо исбот менамоянд, таъмини фаъолияти босуботи бонкҳои тиҷоратӣ ва таъмини мавқеи густурда аз таҳияи стратегияи рушд вобастагии ногусастанӣ дошта, на танҳо устувор нигоҳдории сатҳи даромаднокӣ, сатҳи бозоргирӣ ва сатҳи пардохтпазирии бонк аз он вобаста мебошад, балкӣ баландбардории рақобатпазирии ташкилоти қарзӣ дар бозор ва таҳкими сифати хизматрасониҳо аз дараҷаи татбиқи стратегия бовастагии мустақим дорад. (саҳ.16-22). Новобаста аз таҳқиқотҳои зиёд, то ҳол ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар сатҳи зарурӣ пажӯҳиш нашудааст, ки аз мубрамияти ин самт гувоҳӣ дода, аҳаммияти иқтисодии онро дар ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд.

Муаллиф таҳқиқотҳои назариявии олимони ватаниро дар самти ташкил, банақшагирӣ ва татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ омӯхтааст ва оид ба масъалаи мазкур иқтибосҳои саҳеҳ мавҷуданд, ки аз пажуҳиши амиқ гувоҳ аст. Масхусан дар самти ҷанбаҳои назариявии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва банақшагирии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таҳқиқотҳои З.А. Раҳимов, Ш.Раҳимзода, Ш.Б. Шарифзода, У.С. Ҳикматов, Ш. Хайрзода, Р.Ғ. Ғанизода ва дигарон дар диссертатсия мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Бо истифода аз нуктаи назари олимони болозикр ва истифодаи таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ аз мактабҳои мухталифи иқтисодӣ давраҳои ташаккули стратегияи рушд ҳамчун нишондиҳандаи институтсионалии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар расми 1.1. гуруҳбандӣ карда шудааст, ки фарогири давраҳои рушди стратегия мебошад. Ба назари муаллиф стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ бо ҳамгироии он бо низоми муносибатҳои бозорӣ алоқамандии мустақим дошта,

дошта, дар худ таҷассумгари фаъолияти маҷмӯии бонкҳои тиҷоратиро инъикос менамояд (саҳ. 23-24). Дар воқеъ, стратегияи рушд барои бонкҳои тиҷоратӣ аз унсурҳое маҳсуб меёбад, ки баҳри таъмини фаъолияти густурда ва самаранок замина гузорад, агар стсратегия бо назардошти вижагиҳои зарурӣ таҳия карда шуда бошад. Яъне зимни таҳияи стратегяи бояд кулли он омилҳои таъсиррасон ба инобат гирифта шуда, баъдан таҳияи он ба нақша гирифта шавад.

Инчунин, муаллиф дар саҳифаи 25-уми диссертатсия раванди татбиқи бенуқсони стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратиро бо усулҳои иҷрокунандаи он алоқаманд намуда, истифодаи **PESTLE – таҳлилро** ба мақсад мувофиқ медонад. Чунин нуктаи назари муаллиф аз нигоҳи назариявӣ метавонад, ки қобили қабул бощдад. Зеро раванди татбиқи самараноки стратегияи рушд бо услҳо ва методҳои мухталиф алоқамандии бевосита дорад (саҳ.25-27).

Дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки фаъолияти самараноки бонкҳои тиҷоратиро метавон дар асоси ташаккули принсипҳои мушаххаси таҳияи стратегияи рушд таъмин сохт. Зеро низоми таҳияи сратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар шакли муассир ва бо назардошти шароити муосири иқтисодӣ ташкил карда шавад. Аз ин рӯ, стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ бояд ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нуктаи назари амалӣ дар шакли комил ва пурра ташкил карда шавад. (саҳ.28-29). Хусусиятҳо ва давраҳои асосии банақшагирии стратегияи рушд унсури асосӣ арзёбӣ гардидаанд, ки ба назари мо асоси воқеӣ дорад. Чунки, фаъолияти фарохи бонкҳои тиҷоратӣ ва татбиқи нақшаҳои гузошташуда пеш аз ҳама бояд бо назардошти хусусиятҳо амалӣ карда шавад. Дар диссертатсия муаллиф раванди банақшагирии стратегии фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро бо назардошти шароити муосири иқтисодӣ дар расми 1.5. гуруҳбандӣ намудааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Дар доираи боби якуми диссертатсия муаллиф таъсири омилҳои мухталифро оид ба татбиқи стратегияи рушд баррасӣ намудааст, ки ин сабаб мегардад, то баҳри таҳияи стратегияи бонкҳои тиҷоратӣ заминаи муносибро ташкил намояд. Муаллиф чунин ақида дорад, ки омилҳои таъсирбахшро метавон ба ду гуруҳ ҷудо намуд. Омилҳои таъсирбахш ба ҷараёни иҷроиши стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ зиёданд ва онҳоро метвонем, ки ба таври васеъ гуруҳбандӣ намоем. Вале, муаллиф ба ин омилҳоро ба ду гуруҳи асосӣ ҷудо намудааст, ки ин имкон медиҳад, то стратегияи рушд ба таври назаррас таҳия шавад ва имконияти иҷроиши он баланд гардад. Махсусан роҳу равиши истифодаи баҳодиҳии омилҳо, ки дар диссертатсия оварда шуданд, имконияти фаъолияти пурсамари бонкҳои тиҷоратиро метавонанд, ки тавсеа бахшида, рушди минбаъдаро таъмин созанд (саҳ. 46-63).

**Дар боби дуюм – «Татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ»**, масоили татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ шуда, вазъи муосири фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар мамлакат таҳлил гардида, аҳамияти технологияи муосири инноватсионӣ дар ҷараёни иҷроиши стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки самаранокии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратиро сатҳи татбиқи он муайян месозад (саҳ.64). Агар мантиқан баҳогузорӣ намоем, пас қайд намудан мумкин аст, ки татбиқи нақшаҳои тарҳрезигардида, ки бар стратегияи рушд инъикос ёфтаанд, дараҷаи самаранокии стратегияро нишон медиҳанд. Воқеан, рушди устуворонаи бонкҳои тиҷоратиро бидуни таҳияи нақшаи мушаххас тасаввур намудан қобили қабул нест. Зеро таҳрикдиҳандаи бахшҳои гуногуни фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини самаранокии амалиёти бонкӣ дар бозор аз ташкили стратегияи рушд вобастагии мустақим дорад. Ба ин вобаста, муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки "дар шароити муосири иқтисодӣ масъалаи муҳим ва бунёдӣ барои ташкилотҳои қарзӣ баландбардории самаранокии фаъолият ва афзоиши сифати идоракунӣ ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон менеҷменти бонкӣ мавқеи асосиро касб намудааст ва заминаи муҳими рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба сифати он вобаста мебошад". Ин нуктаи назар қобили қабул аст, зеро тақвияти иқтисодиёти рақамӣ масоили рушди инноватсиониро ба миён оварда, ҳамчун омиле арзёбӣ карда мешавад, ки дар оянда унсури асосӣ маҳсуб ёфта, заминаҳои бунёдии пешрафтро ташаккул медиҳад (саҳ.65).

Диссертант ба масъалаи таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти вижа зоҳир намуда, таъсири стратегияи рушдро ба тавсеаи захираҳои бонкӣ баррасӣ намудааст (саҳ.75-77). Захираҳои бонкӣ ба ҳайси нишондиҳандаи устувории бонкҳои тиҷоратӣ баромад намуда, истифодаи самараноки стратегияи рушд метавонад, ки ин захираҳоро ташаккул дода, истифодаи мақсаднокро таъмин созад. Илова ба ин, шумораи ташкилотҳои қарзӣ таҳлил карда шуда, омилҳои коҳишёбии шумораи ташкилотҳои қарзӣ ошкор гардидааст. Ба назари муаллиф коҳишёбии шумораи ташкилотҳои қарзӣ бо якчанд омилҳо алоқаманд мебошад. Масалан ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2019 ҳамагӣ 75 ададро ташкил медод ва ин нишондҳанда дар соли 2023 то ба ҳадди 63 адад расид, ки 12 адад коҳишёбӣ дида мешавад. Омилҳои асосии кам гардидани шумораи ташкилотҳои қарзиро бо фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва буҳронҳои молиявӣ алоқаманд медонад. Омилҳои аз ҷониби муаллиф ошкоргардида, асоси илмӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ шароити мусоидро фароҳам меоварад (саҳ. 77-90).

Технологияи муосири инноватсионӣ дар диссертатсияи тақризшаванда ба ҳайси унсури асосӣ арзёбӣ карда шуда, мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Дар диссертатсия дарҷ гардидааст, ки "иҷроиши ҳадафҳои гузоштаи шудаи бонк метавонад, ки дар асоси технологияи муосир ба таври густурда роҳандозӣ карда шавад. Зеро татбиқи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ тариқи технологияи муосир метавонад, ки хароҷотҳои бонкро кам гардонида, даромаднокиро афзояд". Пас аз омӯзиши паҳлӯҳои асосии истифодаи технологияи инноватсионӣ муаллиф вазъи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзиро бо ин омил вобаста медонад (саҳ.94-95). Технологияи инноватсионӣ ҳамчун унсури калидии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди

рақамӣ баҳогузорӣ гардидааст ва ҷанбаҳои мухталифи он мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст (саҳ.97-98). Дар расми 2.7 самтҳои асосии стратегияи рақамикунонии бонкҳои тиҷоратӣ оварда шудааст, ки идомаи мантиқии ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ мебошад (саҳ. 97). Инчунин сатҳи истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ дар ин қисмати диссертатсия таҳлил гардида, алоқамандии иқтисодии нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо стратегияи рушд баррасӣ шудааст ва омилҳои ба ҷараёни истифодаи технологияи муосири молиявӣ таҳқиқ шудааст (саҳ. 98-111).

**Дар боби сеюм - «Мукаммалгардонии самтҳои асосии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ»** роҳҳои таҳкими стратегияи инноватсионии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ, таҳияи меъёрҳои арзёбӣ ва баҳогузории стратегия рушди ҶСК "Бонки Эсхата" ва тақвияти старетгияи рушди бонкҳои ттиҷоратӣ ва дурнамои рушди он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ пажуҳиш ва баррасӣ карда шудааст (саҳ.112-162).

Дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда муайян шудааст, ки стратегияи инноватсионии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аз муҳимтарин элементи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Ташкили стратегияи инноватсионӣ дар ҷараёни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ барои беҳтар гардидани дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ асоси воқеиро ташкил медиҳад. Айни замон бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо назардошти истифодаи фарохи инноватсияҳо рушд ёфта истодааст ва ин боис ба он мегардад, ки хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ инкишоф ёбад ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои молиявӣ бештар шавад (саҳ.113-115). Муаллиф ҳолати истифодаи инноватсияҳо ва технологияи муосири молиявиро дар ҷараёни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил карда, дарк менамояд, ки истифодаи технологияи муосир зимни пешниҳоди маҳсулотҳо бонкӣ камтар ба назар мерасад (саҳ.116). Ҳолати истифодаи технологияи инноватсионӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ шояд ба такмил ниёз дорад, вале дар ин самт бояд қайд намуд, ки ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз институтҳое маҳсуб мешаванд, ки технологияи инноватсиониро нисбат ба дигар ташкилоту корхонаҳо истифода менамоянд. Татбиқи сиёсати инноватсионии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ дар расми 3.1. оварда шудааст, ки самтҳои асосиро инъикос намуда, барои таҳкими ҳолати рушди фаъолияти инноватсионии бонкҳои тиҷоратӣ асоси воқеиро метавонад таҳия намояд (саҳ.118). Дар баробари ин, муаллиф тартиби интихоби стратегияи инноватсиониро барои ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод намудааст, ки таваҷҷуҳбарангез мебошад. Зеро принсипҳои интихоби стратегияи инноватсионӣ тавсия шудаанд, ки имконияти татбиқи сиёсати инноватсиониро мустаҳкам мегардонад (саҳ.121).

Масоили татбиқи стратегияи рушд дар мисоли ҶСК "Бонки Эсхата" мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки имкон медиҳад, то ҳадди иҷроиши стратегия дар бонкҳои тиҷоратии мамлакат дақиқ гардида, ҷанбаҳои заиф ва ҷанбаҳои афзалиятноки истифодаи стратегия муайян гардад (саҳ.125-145).

Ҳангоми таҳлил фаъолияти ҶСК “Бонки Эсхата” муаллиф бештар ба аҳамияти иқтисодии стратегияи рушд таваҷҷуҳ намудааст, вале нуктаҳои ташкиливу институтсионалии татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли бонки болоқайд аз пажуҳиш берун мондаанд. Стратегияи рушди ҶСК “Бонки Эсхата” мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, қисматҳои асосии он гуруҳбандӣ шудааст. Маълум гардидааст, ки ин бонк дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ бештар ба истифодаи инноватсияҳои такя намуда, рушди маҳсулотҳои инноватсионӣ ва хизматрасониҳои фосилавиро афзалтар мешуморад (саҳ.129-131).

Дар қисмати хотимавии боби сеюми диссертатсияи тақризшаванда масъалаи тақвияти стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва дурнамои рушди он таҳлил карда шуда, тавсияҳои илман асоснок оид ба иҷроиши бенуқсони стратегия пешниҳод шудаанд. Дар баробари ин, бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ нишондиҳандаҳои омории бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил карда шуда, таъсири татбиқи самараноки стратегияи рушд ба афзоиши нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ошкор гардидааст, ки метавонад ҳамчун заминаи муҳими фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар оянда мавриди истифодаи васеъ қарор гирад (саҳ.146-161).

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ пешниҳод шудааст (саҳ. 163-168).

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Қобилова Ш.Т. дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**

1. Муаллиф дар қисмати назариявии диссертатсия ба ҷанбаҳои институтсионалии такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст ва корҳои илмии олимони ватанӣ дар ин самт мавриди истифодаи васеъ қарор нагирифтаанд.

2. Гарчанде ки муаллиф дар боби дуюми рисола вазъи муосири низоми бонкиро таҳлил намуда, ҷараёни иҷроиши стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи зарурӣ таҳлил намудааст, вале сифати рисола боз ҳам беҳтар мегардид, агар дар ҷараёни таҳлил муаммоҳои сарбастаро оид ба татбиқи самараноки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ пайдо намуда, воситаҳои аз байн бурдани онҳоро дар боби 3-юм тавсия менамуд.

3. Нақши таъсиррасонии омилҳо ба ҷараёни иҷроиши стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ба таври умумӣ тасвир шудааст. Хуб мебуд, агар муаллиф дар зербоби 1.3 натиҷаи таъсири омилҳоро возеҳу равшан арзёбӣ менамуд.

4. Татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар зербоби 2.1 мавриди таҳлил қарор гирифтааст, вале вобаста ба истифодаи усулҳои таҳлилгардида дар раванди баҳодиҳии иҷрои стратегияи рушд таваҷҷуҳ зоҳир нашудааст.

5. Сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид, агар аҳамияти технологияи инноватсионӣ дар ҷараёни такмилёбии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ амиқтар таҳлил мегардид.

6. Дар қисмати сеюми диссертатсия стратегияи рушди ҶСК “Спитамен Бонк” ва татбиқи он таҳлил гардидааст. Диссертатсия боз ҳам комилтар мегардид, агар иҷроиши стратегияи рушди якчанд бонкҳои тиҷоратӣ ба таври қиёсӣ баррасӣ гардида, самтҳои афзалиятноки он пешниҳод мешуд.

Бояд қайд намоем, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намекунад.

## 12. Хулосаи умумӣ

Диссертатсия аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд аҳамияти баланди илмӣ дошта бошанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи кори бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Ғаюров Ғ.Ҳ.

Дурустии имзои Ғаюров Ғ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Шодихонзода Э.Ш.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ 17, Тел: +992 937704349
E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru